# МЕЪЁРИ ХОЛГУЗОРӢ БА САВОЛУ МАСЪАЛАҲОИ ТЕСТ ЧӢ ГУНА АСТ?

Ҷавоби дурусти ҳар саволу масъалаи тест арзиш дорад, ки онро бо хол ҳисоб мекунанд. Вобаста ба навъи саволу масъалаҳои тест меъёри зерини холгузорӣ дар низоми ИМД муайян карда шудааст:

Ҷадвали 5.

**Меъёри холгузорӣ вобаста ба навъи саволу масъалаи тест**

| Р/т | Навъи саволу масъалаи тест | Хол |
|---|---|---|
| 1 | Савол бо интихоби як ҷавоби дуруст | 1 |
| 2 | Савол барои муайян кардани мувофиқат | 4 |
| 3 | Саволи кушода бо ҷавоби кӯтоҳ | 2 |

Чи тавре ки мебинед, ба ҷавоби дурусти саволи навъи якум (савол бо интихоби як ҷавоби дуруст) **як хол** дода мешавад.

Дар саволҳои навъи дуюм муайян кардани мувофиқати чор унсур (калима, ибора, формула ва ғайра) аз панҷ варианти ҷавобҳои пешниҳодшуда талаб карда мешавад. Дар ин навъи саволҳо барои ҳар ҷавоби дуруст **якхолӣ** дода мешавад. Агар довталаб ба ҳамаи 4 унсур ҷавобҳои дуруст диҳад, ҷамъ **чор хол**ро соҳиб мегардад.

Азбаски саволу масъалаҳои навъи сеюм (саволи кушода бо ҷавоби кӯтоҳ)-ро худи довталаб ҳал карда, ҷавоби дурустро муайян мекунад, ба ҷавоби дурусти ин навъи саволу масъалаҳо **ду хол** дода мешавад.

Дар ҷадвалҳои 6-ум ва 7-ум доир ба навъ ва миқдори саволу масъалаҳо ва холи имконпазир аз ҳар субтести имтиҳон маълумоти муфассал дода шудааст.

Ҷадвали 6.

**Миқдори саволу масъалаҳо ва холи имконпазири ҳадди аксар дар ҳар субтести имтиҳони қисми А**

| Р/т | Субтест | Миқдори саволу масъалаҳо | | | | Холи имконпазири ҳадди аксар |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | аз ҷумла | | | |
| | | | бо интихоби як ҷавоби дуруст | муайян кардани мувофиқат | саволи кушода | |
| 1. | Забони тоҷикӣ | **30** | 24 | 6 | - | **48** |
| 2. | Математика | **27** | 20 | 2 | 5 | **38** |
| 3. | Таърихи халқи тоҷик ва асосҳои давлат ва ҳуқуқ | **30** | 24 | 6 | | **48** |

Ҷадвали 7.

**Миқдори саволу масъалаҳо ва холи имконпазири ҳадди аксар дар ҳар субтести имтиҳони қисми Б**

| Р/т | Субтест | Миқдори саволу масъалаҳо | | | | Холи имконпазири ҳадди аксар |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | аз ҷумла | | | |
| | | | бо интихоби як ҷавоби дуруст | муайян кардани мувофиқат | саволи кушода | |
| 1. | Забон ва адабиёти тоҷик | **20** | 15 | 5 | - | **35** |
| 2. | Забон ва адабиёти рус | **20** | 15 | 5 | - | **35** |
| 3. | Забон ва адабиёти ӯзбек | **20** | 15 | 5 | - | **35** |
| 4. | Забони англисӣ | **20** | 16 | 4 | - | **32** |
| 5. | Забони немисӣ | **20** | 16 | 4 | - | **32** |
| 6. | Забони франсавӣ | **20** | 16 | 4 | - | **32** |
| 7. | Забони арабӣ | **20** | 16 | 4 | - | **32** |
| 8. | Математика | **27** | 20 | 2 | 5 | **38** |
| 9. | Таърих | **25** | 20 | 5 | - | **40** |
| 10. | Ҳуқуқи инсон | **25** | 20 | 5 | - | **40** |
| 11. | Физика | **22** | 12 | 5 | 5 | **42** |
| 12. | Химия | **25** | 19 | 3 | 3 | **37** |
| 13. | Биология | **26** | 20 | 6 | - | **44** |
| 14. | География | **25** | 20 | 5 | - | **40** |

**!**

**ДИҚҚАТ!**

**Довталаби гиромӣ!**

Натиҷаҳои ИМД дар соли 2014-ум нишон дод, ки баъзе довталабон ҳангоми иҷрои тест ва пур кардани варақаи ҷавобҳо ба ғалатҳо роҳ додаанд, ки ин ба натиҷаи имтиҳонҳои онҳо таъсири манфӣ расонид. Бинобар ин, аз Шумо хоҳиш менамоем, ки барои ғалат накардан дар имтиҳон ба масъалаҳои зерин диққат диҳед:

- пеш аз оғози иҷрои тест дар варақаи ҷавобҳо рақами варианти китобчаи тести худро қайд намоед. Рақами варианти китобчаи тести Шумо бояд бо рақами ҷойи нишаст дар синфхонаи имтиҳон ва штрих-коди дар варақаи ҷавобҳоятон часпонидашуда як хел бошад;
- ҷавоби ҳар саволу масъаларо мутобиқи дастури иҷрои тест ишора кунед ё нависед. Ҷавобҳои ишоракардаатон ё навиштаатон бояд равшан ва хоно бошад. Компютер ҳангоми хондани варақаи ҷавобҳо ишорахатҳои норавшан (нодуруст ишорашуда ё навишташуда) ва хатзадашударо ба ҳисоб намегирад, ки ин сабаби кам шудани холҳои имтиҳони Шумо мегардад;

- аз вақти барои иҷрои тест муайяншуда (**165 дақиқа**) самаранок истифода баред. Барои ин ки ба ҳамаи саволу масъалаҳои тест ё ба аксари онҳо дар вақти муайяншуда ҷавоб диҳед, бояд вақти имтиҳонро дуруст тақсим намоед:
  - ҳар як саволу масъаларо бодиққат хонед;
  - ба нақша гиред, ки аввал ба саволу масъалаҳои осон ва дар охир ба саволу масъалаҳои душвор ҷавоб нависед;
  - агар ба дурустии ҷавобатон пурра бовар дошта бошед, ҳамон лаҳза ҷавобро дар варақаи ҷавобҳои тест ишора намоед ё нависед;
  - агар дар ёфтани ҷавоб ба ягон савол ва ё ҳалли масъалае душворӣ кашед, саросема нашавед ва ба ҳаяҷон наомада ба иҷрои тест идома диҳед. Пас аз ҷавоб гуфтан ба саволу масъалаҳои осон ба саволу масъалаи душвор баргардед.

Агар тестро пеш аз вақти муайянгардида иҷро кунед, барои аз синфхона баромадан саросема нашавед. Бори дигар кори худро санҷед ва бовар ҳосил намоед, ки ҳамаи ҷавобҳоро дар варақаи ҷавобҳо дуруст ишора намудаед ё навиштаед.

## ТАЛАБОТИ РАВАНДИ ИМТИҲОН КАДОМҲОЯНД?

Раванди ИМД-ро дар марказҳои имтиҳон кормандони масъул идора менамоянд.

Мутобиқи тартиби ИМД довталаб бояд шарту талаботи зеринро риоя намояд:

**1. Бо худ овардан зарур аст:**

1) шиноснома ё ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият бо сурат, ки мақоми ваколатдори давлатӣ додааст;
2) даъватнома;
3) 2 дона ручкаи одии рангаш сиёҳ (рангҳои дигар иҷозат дода намешавад).

Довталаб метавонад бо худ 1 шиша оби шаффоф орад.

**2. Овардани ашёи зерин қатъиян манъ аст:**

1) ҷузвдон, китоб, навиштаҳо, дафтар, маводи иттилоотӣ;
2) телефони мобилӣ ё дигар воситаҳои алоқа;
3) таҷҳизоти ҳисоббарор (калкулятор, ноутбук, планшет ва ғайра).

**!**

**Дар ҳолати ошкор намудани истифодаи маводи манъшуда маъмури имтиҳон санад тартиб дода, довталабро аз имтиҳон (синфхона) хориҷ менамояд.**

**!**

**ДИҚҚАТ!**

**Довталаби гиромӣ!**

1. Сана ва макони баргузории имтиҳонҳоро дар ёд гиред.
2. Ба маркази имтиҳон 1 соату 30 дақиқа пеш аз оғози имтиҳон ҳозир шавед.
3. Ба маркази имтиҳон бо либоси тавсиявӣ (расмӣ) ҳозир шавед.
4. Бо худ овардани ду дона ручкаи одии рангаш сиёҳро фаромӯш накунед.
5. Бо худ телефон ва дигар маводро нагиред, чунки ҳангоми даромадан ба маркази имтиҳон онҳо аз дасти Шумо гирифта мешаванд. Барои нигоҳдорию ҳифзи онҳо кормандони маркази имтиҳон ҷавобгар нестанд.